**Замимаи №8**
**Ба Дастурамал «Оид баҳисоб ва пардохти андоз аз арзиши иловашуда»**

**Шакли 03.01**

# ЭЪЛОМИЯИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА
*бо меъёри стандартӣ (18%)*

## Қисми 1. Маълумоти умумӣ дар бораи супорандаи андоз аз арзиши иловашуда

1 РМА

2 РЯМ

3 РСБ

4 Номгӯи супорандаи ААИ

5 Силсила рақам ва санаи Шаҳодатномаи ААИ — руз, моҳ, сол

6 Намуди Эъломия (дар хоначаи дахлдор аломати X гузошта шавад): Ибтидоӣ, Навбатӣ, Иловагӣ, Барҳамдиҳӣ, Тасҳеҳӣ

7 Ҳангомибаҳисобгирӣ (зачет) ААИ бо усули мутаносибӣ(дар хоначаи дахлдор аломати X гузошта шавад): Мутаносибӣ

8 Андозсупорандае, ки бо меъёри пасткардашуда андозбандишаванда мегардад ваворидоти мол дорад (дар хоначаи дахлдор аломати X гузошта шавад):

9 Давраи андоз — А Моҳ, Б Сол

10 Воҳидҳоиалоҳида(дар хоначаи дахлдор аломати X гузошта шавад): Ҳа, Не

11 Шаклҳои пешниҳодгардида бо шакли 03. 01(дар хоначаи дахлдор аломати X гузошта шавад) 01 02 03 04 05 06 07

Тавсияҳо барои пур кардан
- барои кӯмак аз Тартиби пур кардани Эъломияи мазкур истифода намоед
- Эъломияро бо ҳуруфоти чопӣ пур кунед, миёни калимаҳо як хоначаро холӣ монед
- ҳангоми пур кардан ручкаи саққодори ранги сиёҳчадоштаро истифода намоед
- маблағҳоро бо сомонӣ нишон диҳед

## Қисми 2. Ҳисоб намудани андоз аз арзиши иловашуда

| Рамзи сатр | Номгӯй | Маблағи амалиёт бе ААИ | Маблағи ААИ |
|---|---|---|---|
| 001 | Маблағи умумии амалиётҳо: | А | Б |
| 002 | Амалиёти андозбандишаванда, аз ҷумла | | |
| А | - бо меъёри 18 % | | |
| Б | -бо меъёри 18 % барои истифодабарандагони меъёри пасткардашуда (010 * 009) | | |
| В | - бо меъёри 0% | | |
| Г | -бо дигар меъёрҳо | | |
| 003 | Амалиётҳои аз ААИ озод | | |
| 004 | Вазни қиёсӣ (сатри 002 / сатри 001) | | % |
| 005 | Ҳамаги ААИ ҳисобшаванда | | |

## Қисми 3. Ҳисоб намудани андоз аз арзиши иловашуда барои супорандаи меъёри пасткардашуда, ки воридот дорад

| Рамзисатр | Номгӯй | Маблағи амалиёт бе ААИ | Маблағи ААИ |
|---|---|---|---|
| 006 | Бақияи моли воридотӣ ба санаи 01 давраи ҳисоботӣ | А | Б |
| 007 | Воридоти мол дар давраи ҳисоботӣ | | |
| 008 а | Маблағи молҳои бафурӯшрафта (хароҷотшуда)-и молҳои воридшуда дар моҳи ҳисоботи | | |
| 008 б | Маблағи молҳои бафурӯшрафта (хароҷотшуда)-и молҳои аз дохил харидашуда дар моҳи ҳисоботи | | |

| | | |
|---|---|---|
| 009 | Ҳиссаи моли хароҷотшудаи воридотӣ (импорти) дар хароҷоти умумӣ 008аА/ (008аА+008бА)*100 | % |
| 010 | Муомилоти умумии таҳвили мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) супорандаи меъёри пасткардашуда | |

## Қисми 4. ААИ-е, ки ҳангоми муайян намудани пардохт ба буҷет ба ҳисоб гирифта мешавад

| Рамзи сатр | Номгӯй | А — Маблағи амалиёти харид бе ААИ | Б — Маблағи ААИ |
|---|---|---|---|
| 011 | Маблағи умумии (корҳо ва хизматрасониҳо) харидашуда, кибо мақсадҳои амалиёти андозбандишаванда истифода мешавад | | |
| 011 а | Молҳои (иҷрои кор ва хизматрасони) дарҶТ харидашуда, аз ҷумла: | | |
| | - бо меъёри 18% (стандартӣ); | | |
| | - бо меъёри 5 % (пасткардашуда); | | |
| | - аз супорандаи ААИ набуда | | |
| 011 б | Молҳои ворид карда шуда бо пардохти ААИ ҳангоми ба расмиятдарории гумрукӣ, аз ҷумла: | | |
| | - бо меъёри 18%; | | |
| | - бо дигар меъёрҳо | | |
| 012 | Хариди молҳо, корхо, хизматрасониҳо, ки аз ААИ озод мебошанд | | |
| 013 | Дигар амалиётҳое, ки мутобиқи моддаи 183 КА баҳисобгирӣ иҷозат дода шудааст | | |
| 014 | Маблағи умумии ААИ, ки баҳисоб гирифта мешавад (011 + 013) | | |
| 015 | Маблағи барои баҳисобгирӣ иҷозатдодашудаи ААИ ҳангоми усули муттаносибӣ (014 * 004) | | |

## Қисми 5. Ҳисоббаробаркунии ААИ дар давраи андоз

**Маблағи ААИ**

| | | |
|---|---|---|
| 016 | Маблағи ААИ, ки бояд дар давраи андоз пардохта шавад (005-014 (ё 015)) | |
| 017 | Маблағи ААИ, ки бояд баргардонида шавад (005-014 (ё 015)) | |

## Қисми 6. Ҷавобгарии андозсупоранда

Мо (ман) барои пуррагӣ ва дурустии маълумоти дар хамин Эъломия дарҷгардида тибқи санадҳои қонунгузорииҶумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошем (ам).

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!

_______________/_______________/

Ному насаби Роҳбар — Имзо

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!

_______________/_______________/

Ному насаби Сармуҳосиб — Имзо

Ч. М.

Санаи пешниҳоди Эъломия

рӯз моҳ сол

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!

_______________/_______________/

Ному насаби Нозири Эъломияро қабул намуда — Имзо

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!

_______________/_______________/

Кайд оиди қабули Эъломия

Ч.Ш.

Санаи қабули Эъломия дар мақомоти андоз

рӯз моҳ сол

Рамзи мақомоти андоз

**Тартиби**
**навиштан ва пешниҳод намудани эъломияи андоз аз арзиши иловашуда,**
**бо меъёри стандартӣ (18%), Шакли 03.01**

1. Шакли варақаи эъломияи мазкур ва тартиби пур кардани он тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст. Эъломияи мазкур аз ҷониби супорандагони меъёри стандартӣ (18%), инчунин супорандагони меъёри пасткардашудае, ки фаъолияти воридоти молҳоро анҷом медиҳанд, пур карда мешавад.

2. Мутобиқи талаботи моддаи 189 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон супорандагони ААИ, эъломияи мазкурро то санаи 15-уми моҳи баъди давраи ҳисоботӣ пешниҳод менамоянд.

3. Ҳангоми ба мақомоти андоз пешниҳод кардани эъломияи ААИ барои давраи ҳисоботӣ нусхаи сеюми ҳисобнома-фактура оид ба ААИ, ки андозсупорандаи мазкур тартиб додааст ва феҳристи (реестри) он замима карда мешавад. Барои тасдиқи маблағи баҳисобгирифташавандаи ААИ ба эъломия нусхаи дуюми ҳисобнома-фактураҳо оид ба ААИ аз таъминкунандагони мол (кору хизматрасонӣ) гирифташуда ва нусхаи эъломияи гумрукии молҳои ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида замима карда мешаванд. Нусхаи чорумро фурӯшанда ва нусхаи якумро харидор барои ҳуҷҷатҳои муҳосибавӣ мегиранд.

4. Дар сурати бекор карда шудани бақайдгирии ААИ андозсупоранда бояд ба мақомоти андоз эъломияи молҳои дар ихтиёраш монда ва ба доираи амалиёти андозбандишаванда мансубро пешниҳод намояд.

5. Мутобиқи талаботи Боби 8 Кодекси андоз андозсупоранда баҳисобгирии андозиро ба роҳ мемонад.

6. Агар дар моҳи ҳисоботӣ ягон амалиёти андозбандишаванда иҷро нашуда бошад, дар тамоми бандҳои эъломия бояд аломати «Х» гузошта шавад.

## ҚИСМИ 1. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ СУПОРАНДАИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА

Дар банди 1 рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) гузошта мешавад.

Дар банди 2 рақами ягонаи мушаххаси андозсупоранда (РЯМ) гузошта мешавад.

Дар банди 3 рақами сабаби бақайдгирии андозсупоранда (РСБ), гузошта мешавад.

Дар банди 4 номгӯи супорандаи ААИ зикр мегардад.

Дар банди 5 дар се хоначаи аввал силсила, дар шаш хоначаи минбаъда рақами шаҳодатномаи ААИ ва дар панҷ хоначаи минбаъда санаи додани шаҳодатномаи ААИ нишон дода мешавад.

Банди 6 вобаста ба намудҳои эъломияҳо - ибтидоӣ, навбатӣ, иловагӣ, барҳамдиҳӣ ва тасҳеҳӣ дар хоначаи дахлдор аломати «Х» гузошта мешавад.

Дар банди 7 усули баҳисобгирии ААИ, бо усули мутаносибӣ нишон додашуда дар хонача аломати «Х» гузошта мешавад.

Дар банди 8 андозсупорандае, ки меъёри пасткардашударо истифода менамояд ва воридоти мол дорад, аломати «Х» гузошта мешавад.

Дар банди 9 дар зербанди А моҳ ва дар зербанди Б соли давраи андоз қайд мегардад.

Дар банди 10 оиди доштани воҳидҳои алоҳида аломати «Х» гузошта мешавад.

Дар банди 11 вобаста ба шаклҳои истифодашудаи 03.01 дар хоначаҳои дахлдор аломати «Х» гузошта мешавад.

## ҚИСМИ 2. ҲИСОБ НАМУДАНИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА

Дар сутуни якум рамзи сатр, дар сутуни дуюм номгӯ, дар сутуни сеюм маблағи амалиёт оиди фурӯш бе ААИ ва дар сутуни чорум маблағи ААИ нишон дода мешавад.

Сатри 001 иборат аст аз сатри 001А ва сатри 001Б. Дар сатри 001А ҳосили ҷамъи сатрҳои 002А ва 003А, ва дар ҳолати анҷом додани амалиёти андозбандинашаванда чунин амалиёт низ навишта мешавад. Дар сатри 001Б ҳосили ҷамъи сутунҳои 002Б ва 003Б нишон дода мешавад.

Сатри 002 иборат аст аз сатри 002А ва сатри 002Б. Дар сатри 002А маълумоти сатри 005 шакли №03.01(02.03).01 дарҷ карда шуда дар зерсатрҳои сатри 002Б ҳосили зарби нишондиҳандаҳои зерсатрҳои 002А ба меъёрҳои дахлдори зербанди 002А нишон дода мешавад. Зерсатрҳои А ва Г, бо меъёри 18% ва бо меъёрҳои дигар мутобиқи тартиби дар боло зикрёфта аз маълумотҳои мутобиқан аз зерсатрҳои А ва В шакли №03.01(02.03).01 пур карда мешавад. Дар зерсатри В сатри 002 (бо меъёри 0%) маълумотҳои ҷамъбастии сутуни Е, қисми 2, шакли №03.01(02).02 нишон дода мешавад. Зерсатри Бсатри 002 аз ҷониби истифодабарандагони меъёри пасткардашуда пур карда шуда, дар он ҳиссаи моли бо меъёри 18% таҳвилнамудаи ин андозсупоранда мутобиқан ба ҳаҷми молҳои бо меъёри 18% хароҷотшудаи воридотӣ дар хароҷоти умумӣ, бо роҳи зарби нишондоди сатри 010 ба сатри 009 нишон дода шуда, ҳиссаи боқимондаи молҳои таҳвилшуда бо меъёри пасткардашуда андозбандӣ гардида, дар зербанди сатри 001 (-бо меъёри 5%), қисми 2, Шакли 03.02 (эъломия оид ба ААИ бо меъёри 5 фоиза) дарҷ карда мешавад.

Сатри 003 аз сатрҳои 003А ва 003Биборат буда, дар онҳо маълумоти ҷамъбастӣ мутобиқан амалиёти бе ААИ ва маблағи ААИ-и сатри 010 қисми 2 шакли №03.01(02.03).03 нишон дода мешавад. Дар сурати дар моҳи ҳисоботӣ андозсупорандаи меъёри пасткардашуда амалиёти озод дошта бошад, маълумоти сатри мазкур бо назардошти ҳиссаи хароҷоти молҳои воридотӣ дар ҳаҷми амалиёти

андозбандишаванда нишон дода шуда (003А*009/100), ҳиссаи боқимонда дар сатри 003 (Амалиётҳои аз ААИ озод), қисми 2, Шакли 03.02 (эъломия оид ба ААИ бо меъёри 5 фоиза) дарҷ карда мешавад.
Сатри 004 иборат аст аз сатри 004Б. Дар сатри 004Б вазни қиёсӣ амалиёти андозбандишаванда дар ҳаҷми умумии амалиёт бо роҳи тақсим нмудани сатри 002А ба сатри 001А ва зарби натиҷаи он ба 100 муайян карда мешавад.

Дар сатри 005Б маблағи андоз аз арзиши иловашуда нишон дода мешавад, ки он ба нишондоди сатри 001Б баробар мебошад.

**ҚИСМИ 3. Ҳисоб намудани ААИ барои супорандаи меъёри пасткардашуда, ки воридоти мол дорад**

Сатри 006 иборат аст аз сатри 006А ва сатри 006Б. Дар сатри 006А маблағи бақияи молҳои воридшуда ба ҳолати 01 моҳи ҳисоботӣ бе назардошти ААИ навишта мешавад. Дар сатри 006Б маблағӣ ААИ-и бақияи молҳои воридшуда дарҷ мегардад. Бақияи молҳои воридоти дар моҳи оянда бо иҷро намудани амали мазкур, маълумоти сатри 006А+007А-008А муайян карда мешавад.

Сатри 007 иборат аст аз сатрҳои 007А ва 007Б. Дар сатри 007А воридоти мол дар давраи ҳисоботӣ (маблағ бе ААИ) навишта мешавад яъне, маълумотҳои сутуни ҷамъбастии В, қисми 2, шакли №03.01(02).05 нишон дода мешавад. Дар сатри 007Б маблағӣ ААИ-и молҳои воридшуда дарҷ мегардад.

Сатри 008а иборат аст аз сутунҳои 008аА ва 008аБ. Дар сутуни 008аА маблағи молҳои бафурӯшрафтаи (хароҷотшудаи) молхои воридшуда бе назардошти ААИ навишта мешавад. Дар сутуни 008аБ маблағи ААИ-и молҳои бафурӯшрафтаи (хароҷотшудаи) молхои воридоти дарҷ мегардад. Дар сутуни 008бАмаблағи молҳои бафурӯшрафтаи (хароҷотшудаи) молҳои аз дохил харидашуда бе назардошти ААИ ва дар сутуни 008бБмаблағи ААИ молҳои бафурӯшрафтаи (хароҷотшудаи) молҳои аз дохил харидашуда навишта мешавад.

Сатри 009 иборат аст аз сутуни 009Б ва дар он ҳиссаи маблағи молҳои бафурӯшрафтаи (хароҷотшудаи) молҳои воридшуда, яъне нишондиҳандаи сутуни 008аА ба ҳосили ҷамъи нишондиҳандахои сутуни 008аА ва 008бА тақсим карда шуда ба 100 зарб зада мешавад (008аА/(008аА+008бА)*100).

Сатри 010 иборат аст аз сатри 010Б. Дар сатри 010Б ҳаҷми муомилоти умумии таҳвили мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) супорандаи меъёри пасткардашуда дарҷ карда мешавад.

**ҚИСМИ 4. ААИ, ки ҳангоми муайян намудани пардохт ба буҷет ба ҳисоб гирифта мешавад**

Сатри 011 иборат аст аз сатри 011А ва сатри 011Б. Дар сатри 011А ҳосили ҷамъи сатрҳои 011аА ва 011бА (маблағи харид бе ААИ) дарҷ карда мешавад. Дар сатри 011Б ҳосили ҷамъи сатрҳои 011аБ ва 011бБ (маблағи ААИ) нишон дода мешавад.

Сатри 011а иборат аст аз сатрҳои 011аА ва 011аБ. Дар сатри 011аА маълумоти ҷамъбастии сатри 009А (арзиш бе ААИ), Қисми 2, Шакли 03.01(02).04 навишта мешавад. Дар сатри 011бБ маълумоти ҷамъбастии сатри 009Б (ААИ, ки бояд пардохта шавад), Қисми 2, Шакли 03.01(02).04 навишта мешавад. Зерсатрҳои бо меъёри 18%, меъёри 5% ва зерсатри «аз супорандаи ААИ набуда»мутобиқан бо маълумотҳои зерсатри А ва Б сатри 009 Қисми II, Шакли 03.01(02).04пур карда мешавад.

Сатри 011б иборат аст аз сатрҳои 011бА ва 011бБ. Дар сатри 011бА маълумоти ҷамъбастии зерсатри В, Қисми 2 (амалиёти андозбандишаванда), Шакли 03.01(02).05 навишта мешавад. Дар сатри 011бБ маълумоти ҷамъбастии зерсатри Г, Қисми 2 (ААИ пардохташуда), Шакли 03.01(02).05 навишта мешавад. Зерсатрҳои бо меъёри 18% ва бо дигар меъёрҳо мутаносибан бо маълумотҳои зерсатри ҳамаги (бо меъёри 18%) ва ҳамаги (бо дигар меъёрҳо) бо тартиби дар боло овардашуда аз маълумотҳои Қисми 2, Шакли 03.01(02).05 пур карда мешаванд.

Сатри 012 иборат аст аз сатри 012А. Дар сатри 012А ҳосили ҷамъи маълумоти ҷамъбастии сатри аввал сутуни В Қисми 3 (воридоти молҳо, ки аз ААИ озод мебошанд) Шакли 03.01(02).05 ва нишондоди хариди дохилии аз ААИ озод навишта мешавад.

Сатри 013 иборат аст аз сатри 013А ва 013Б. Дар сатри 013А маълумотҳои сатри 003А, Қисми (арзиш бе ААИ), Шакли 03.01(02).04 навишта мешавад. Дар сатри 013Б маълумотҳои сатри 003Б, Қисми (ААИ, ки бояд пардохта шавад) шакли 03.01(02).04 навишта мешавад.

Сатри 014 иборат аст аз сатри 014Б. Дар сатри 014Б ҳосили ҷамъи сатрҳои 011Б ва 013Б дарҷ карда мешавад.

Сатри 015 иборат аст аз сатри 015Б. Дар сатри 015Б ҳосили зарби сатрҳои 014Б ба сатри 004Бва рақами 100 дарҷ карда мешавад.

**ҚИСМИ 5. ҲИСОББАРОБАРКУНИИ ААИ ДАР ДАВРАИ АНДОЗ**

Сатри 016 иборат аст аз сатри 016Б. Нишондоди сатри 016Б ин маблағи ААИ, ки дар давраи андоз ба буҷет пардохта мешавад, яъне дар ин сатр фарқи байни сатри 005Б ва 014Б навишта мешавад. Дар ҳолати истифода бурдани усули мутаносибӣ фарқи байни сатри 005Б ва 015Б навишта мешавад. Дар ҳолати маблағи ААИ-и пардохт шаванда аз маблағи баҳисобгирифташаванда кам будан сатри 016Б пур карда намешавад.

Сатри 017 иборат аст аз сатри 017Б. Сатри 017Б дар ҳолате пур карда мешавад, ки агар маблағи баҳисобгирифташаванда аз маблағи ААИ, ки бояд ба буҷет пардохт шавад зиёд бошад ва ҳамин фарқият дар сатри 017Б навишта мешавад.

## Қисми 6. Ҷавобгарии андозсупоранда

Дурустии маълумоти дар эъломияи (ҳисоботи) андоз дарҷшавандаро андозсупоранда бо имзои худ ва гузоштани муҳр тасдиқ менамояд. Дар ин қисм санаи пешниҳоди эъломия ва санаи қабули он аз ҷониби мақомоти андоз қайд карда мешавад.

Барои сари вақт пешниҳод накардани эъломияи мазкур, инчунин саркашӣ аз пардохти андоз бо роҳи дидаю дониста ба эъломия дохил кардани маълумотҳои таҳрифшуда, андозсупоранда мутобиқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.